## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи номзадии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзӯи «Илёс Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ).**

Тадкиқоти илмии Сайфуллоев Муслиҳиддин таҳти унвони «Илёс Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» ба яке аз мавзӯъҳои муҳим ва арзишманди адабиётшиносии равобити адабии тоҷик бахшида шуда, аз доманаи фарохи таҳқиқу баррасии махсус бархурдор мебошад. Ҷолиби таваҷҷӯҳ он аст, ки муаллифи рисола дар канори шарҳу тавзеҳи муҳимтарин ҷанбаҳои арзишҳои адабии осори «Илёс Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём», инчунин доир ба дигар осори ин адиби барҷастаи форсу тоҷик ва авзои сиёсиву фарҳангии замони зиндагии ӯ изҳори назар намудааст.

Мавриди зикр аст, ки нигорандаи рисола дар боби нахустини рисола, ки таҳти унвони «Рӯзгор ва осори Илёс Абумозӣ» номгузорӣ шуда, дорои чор фасл мебошад. Фасли аввали он, «Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ - адабии замони зиндагии Илёс Абумозӣ» ном дошта, дар он роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии давр ва таъсири он ба ташкккули ҷаҳоншиносии фикрии нависанда, аз рӯи такя ба сарчашмаҳо ва асарҳои таҳкикотӣ баҳси ҷолиберо ба қалам овардааст. Сипас, дар фасли дувуми боби мазкур, «Накши адибони «Маҳҷар»ва Илёс Абумозӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи он дар густариши адабиёти араб» ном гирифтааст, ки дар он оиди заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши ҳавзаҳо ва мактабҳои адабии арабии давр маълумоти мушаххас додааст. Дар миёни ин мактабҳои адабӣ, махсусан дар бораи ҷойгоҳ ва мақоми донишмандону адибони мактаби адабии «Маҳҷар» ва хоссатан Илёс Абумозӣ пажуҳиши хоссаеро ба риштаи таҳкикот кашидааст. Фасли сеюми боби мазкур «Зиндагинома ва мероси адабии Илёс Абумозӣ» номгузорӣ шудааст, ки дар он муаллифи рисола

тавонистааст оиди зодгоҳ, айёми донишандӯзӣ, устодон ва дар умум, ҳар он ахборе, ки оид ба зиндагиномаи адиб мебошад, изҳори ақида намуда, ҳамчунин аз рӯи ахбори манобеи таърихиву адабӣ ва асарҳои таҳқиқӣ, ки марбут ба осори адиб маълумоти мухталиф дар худ инъикос намудаанд, таҳқикот намуда, бо далелҳои қотеу бориз ба умқи масоил ворид шуда, онро ҳаллу фасл намудааст. Фасли чоруми ин боб «Мавзуъҳои асосии ашъори шоир ва мавкеи андешаҳои иҷтимоӣ дар он» буда, дар он нисбат ба мавзуъҳои шеърии шоир ва қисматҳои он аз лиҳози муҳтаво ва мазомин, таҳқиқоти ҷолиберо ба қалам оварда, тавонистааст, ки онҳоро ба қисматҳо ҷудо намуда, ба умқи ҳар яки он ворид шуда, онро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби дувуми рисола зери унвони «Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адаби муосири араб ва эҷодиёти Илёс Абумозӣ» оварда шудааст, ки он аз ду фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби мазкур тахти унвони «Омӯзиши рубоиёти Умари Хайём дар кишварҳои арабӣ» ном гирифта, дар он нигорандаи рисола вобаста ба таърихи пажуҳиши рубоиёти шоири номвари форсу тоҷик Умари Хайё аз ҷониби муҳаққиқони араб ва таъсири афкори фалсафии вай ба шоирону мутарҷимон ва сухансароёни арабитабор маълумоти илмии доманадореро ба сомон расонида, онро аз рӯи таҳқиқоти гузашта ва муосир бо далоили возеҳ ба суботи илмӣ расонидааст. Фасли дуюми рисола «Қасидаи «Талосим»-и Илёс Абумозӣ – инъикосгари маонии рубоиёти Умари Хайём» ном гирифтааст. Дар ин фасл, муҳаққиқ доир ба қасидаи «Талосим»- и Абумозӣ, ки дар адабиёти араб инқилоби адабӣ ва ҷаҳонбинии фалсафии дигареро ба бор оварда буд, маълумот дода, ҳамчунин таъсирпазирии онро аз рубоиёти Умари Хайём бо далоили раднопазир исбот намудааст.

Боби саюми рисола ба тадқиқи «Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хаём ва Илё Абумозӣ» бахшида шудааст, ки аз чор фасл иборат мебошад. Фасли аввали боби мазкур ба «Муаммои ҳастӣ дар рубоиёти Умари

Хайём ва ашъори Илёс Абумозӣ» равона карда шудааст, ки дар он нигорандаи рисола бештар ба масоили фалсафӣ чун офариниши ҷаҳон, хилкати инсон, нопойдор будани дунё, абадияти ҷаҳони боқӣ ва ғайраҳо бо намунаҳое аз рубоиёти Умари Хайём оварда, таъсири онро ба сурудаҳои Абумозӣ ба таври илмӣ исйот намудааст. Фасли дувуми боби мазкур «Гузарандагии олам ва арзишҳои ҳаёти инсонӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ» номи шудааст. Дар фасли мазкур муаллиф муҳимтарин мавзуоти шеърии рубоиёти Умари Хайё, ки он ба фано рафтани ҷаҳон, дилнабастан ба он ва ғайраҳоро оварда, онҳоро бо сурудаҳои Илё Абумозӣ аз лиҳози маъно муқоиса намудааст. Сипас, намунае аз сурудаҳои Илё Абумозиро барои намуна оварда, тахти таъсири рубоиёти Умари Хайём қарор гирифтани онро бо далоилу бароҳин исбот намудааст. Фасли сеюми ин боб «Хамр дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ» ном дорад, ки дар он нигорандаи рисола баҳси илмии ҷолиберо ба анҷом расонидааст. Вай кӯшиши намудааст, ки намунае аз ашъори хамрияи сурудаҳои ду шоир яъне Умари Хайём ва Илё Абумозиро ҷамоварӣ намуда, дар бораи таъсирасонӣ ва таъсирпазирии ин намуди шеър, таҳқиқоти илмии комилеро ба анҷом расонидааст. Фасли чоруми боби сеюм ба мавзуи «Озодандешӣ дар шеъри Илёс Абумозӣ ва рубоиёти Умари Хайём» бахшида шудааст. Дар ин фасл, муаллифи рисола бо овардани намунае аз шеъри ин ду шоир ба хулосае омадааст, ки бемуҳобот Илёс Абумозӣ дар эҷоди ашъоре, ки дар он озодиву озодандешӣ дида мешавад, ба таври вофир аз мазомини рубоиёти Умари Хайём фавоиди маънавӣ бурдааст.

Аз мӯҳтаво, тарзи масъалагузории фишурда бармеояд, ки рисолаи Сайфуллоев Муслиҳиддин бо забони равони илмӣ, мудаллал ба афкору андешаҳои олимону пажӯҳишгарон таълиф гардидааст. Диссертант бо шинохти амиқи мазмуну мӯҳтавои осори манзуми шоири классики форсу тоҷик - Умари Хайём ва таъсири шеъри ӯ ба сурудаҳои шоири

муосири араб - Илё Абумозӣ ба муваффақияте расидааст, ки он дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик равзани наверо боз хоҳад кард:

-Ба андешаи мо, ҳарчанд дар қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзуъ муаллиф матолиби фаровонеро дар бораи пешинаи таҳқиқи мавзуъ баррасӣ кардааст, аммо ба назар мерасад, ки ҳанӯз корҳои дар ин замина муаррифинашуда дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ мавҷуданд, ки бояд ба онҳо руҷуъ намояд.

Ҳамин тавр, бар мабнои мундариҷаи пурбори фишурдаи рисола метавон гуфт, ки кори таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб омада, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забонҳои форсӣ ва**
**хитойии факултети забонҳои шарқ,**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров»** **Очилова Меҳринисо Илҳомовна**

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи филологияи араби**
**факултети забонҳои шарқ,**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров»** **Ҳикматшоҳ Ҳомидиён Комилӣ**

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
дотсент М.И.Очилова ва Ҳ. К.Ҳомидиёнро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел.:(+992)9004200202; E-mail:rayosati_kadr@mail.ru

30.11.2023с.